**“ТАСДИҚ МЕКУНАМ”**
**Ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, доктори илмҳои таърих, профессор**
**_______________ Ғаффорӣ Н. У.**
**«_16_» ___03___________ 2021**

**ТАҚРИЗИ**

**муассисаи тақриздиҳанда ба диссертатсияи номзадии Суфиев Садриддин Насридинович дар мавзӯи «Ҳамкориҳои илмӣ-адабӣ ва фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Ҳиндустон ва Ҷумҳурии Исломии Покистон (охири асри XX - ибтидои асри XXI)» барои дарёфти дараҷаи номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.15 – Таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати хориҷӣ (илмҳои таърих). Душанбе, 2021.**

Диссертатсияи Суфиев Садриддин Насридинович дар асоси амалӣ намудани нақшаи дурнамои кори илмӣ-таҳқиқотии панҷсолаи кафедраи ҳуқуқ ва муносибатҳои байналмилалии Донишгоҳи давлатии шаҳри Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ анҷом дода шуда, дар ҷаласаи кафедраи таърихи умумии ДДОТ ба номи С. Айнӣ муҳокима гардида, ба он баҳои мусбӣ дода шуд.

Дар муҳокимаи диссертатсия аъзоёни кафедра: 3 доктори илмҳои таърих, 7 нафар номзади илмҳои таърих, 5 муаллими калон ва ассистентону докторантони кафедра иштирок доштанд.

Муассисаи таркриздиҳанда дар хулосаи мусбии худ, ки аз ҷониби доктори илмҳои таърих, дотсент Аҳмадҷон Қурбонович Ҳусайнов омода гардид, иброз менамояд, ки диссертатсияи Суфиев Садриддин Насридинович дар мавзӯи рӯзмарра навишта шуда, аҳамияти назариявию амалии илмӣ дорад.

Мубрам будани мавзӯи мазкур аз он иборат аст, ки масъалаи таҳқиқи илмии ҳамкориҳои илмӣ-адабӣ ва фарҳангии Тоҷикистон бо Ҳиндустон ва

Покистон дар давраи истиқлол айни замон ба доираи таҳқиқи илмӣ кашида нашудааст.

Диссертатсия дар асоси заминаи бойи манбаъвӣ навишта шуда, ба онҳо асару мақолаҳо, баромадҳои расмӣ ва изҳороти муштараки сарварони кишварҳо, маводи бойгонии ҷорӣ, санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии муайянкунандаи сиёсати хориҷӣ, маводи матбуоти даврӣ, сомонаҳои расмии сарварони давлатҳо, муассисаҳои расмӣ ва созмонҳои байналхалқӣ, сомонаҳои иттилоотӣ шомил мебошанд.

Вазифаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ аз таҳлили илмии ташаккул ва инкишофи ҳамкориҳои илмӣ-адабӣ ва фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Ҳиндустон ва Ҷумҳурии Исломии Покистон иборат аст.

Объекти таҳқиқоти диссертатсионӣ ҳамкориҳои илмӣ-адабӣ ва фарҳангӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Ҳиндустон ва Ҷумҳурии Исломии Покистон буда, предмети он бошад давраҳои асосии ташаккул ва инкишофи ҳамкориҳои илмӣ-адабӣ ва фарҳангӣ Тоҷикистон бо Ҳиндустон ва Покистон дар даврони истиқлолият ба шумор меравад.

Навгонии илмии диссертатсия дар он зоҳир мегардад, ки он аввалин таҳқиқоти алоҳида оид ба ҳамкориҳои илмӣ, адабӣ ва фарҳангии Тоҷикистон бо Ҳиндустон ва Покистон дар замони муосир мебошад.

Диссертатсия аз муқаддима, се боб, ҳафт параграф, хулоса, номгӯи маъхазҳо ва адабиёти истифодашуда иборат мебошад.

**Дар муқаддима**, рӯзмаррагии мавзӯъ, сатҳи омӯзиши он, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ, объект ва предмети таҳқиққот муайян шуда, асосҳои назариявию методологии таҳқиқот, навгонии илмию аҳамияти амалии натиҷаҳои таҳқиқот, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшуда ва сохтори диссертатсия баён шудаанд.

Боби якуми диссертатсия ***«Ташаккули ҳамкориҳои Тоҷикистон бо Ҳиндустон ва Покистон»*** аз се зербоб иборат мебошад.

Дар параграфи якуми боби аввал *«Аз таърихи ҳамкориҳои Тоҷикистон бо Ҳиндустон ва Покистон»* диссертант ҷанбаҳои асосии раванди истиқрори робитаҳои мутақобилаи Тоҷикистонро бо Ҳиндустону Покистон таҳлил намудааст. Ба ақидаи муаллиф Ҳиндустону Покистон барои Тоҷикистон ва мардуми тоҷик кишварҳои дӯст ба шумор рафта, миёни давлатҳо алоқаҳои таърихан ташаккулёфтаи фарҳангӣ мавҷуд аст. Бо ташкили давлати абарқудрати Шӯравӣ ҳамкориҳои ҷонибҳо дар сатҳи нав ба роҳ монда шуданд, ки тамоми соҳаҳои фарҳангиро дар бар мегирифтанд.

Дар параграфи дуюми боби якум ***«Ташаккули ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Ҳиндустон дар охири асри XX (солҳои 1991 – 1999)»***, масъалаҳои ташаккул ва рушди ҳамкориҳои фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо Ҷумҳурии Ҳиндустон дар охири асри XX баррасӣ гардида, диссертант самтҳои асосии ҳамкориҳои илмӣ ва фарҳангии давлатҳоро дар солҳои аввали истиқлолият нишон додааст.

Диссертант менависад, ки муносибатҳои дипломатӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Ҳиндустон 28-уми августи соли 1992 барқарор гардиданд. Рушди муносибатҳои мутақобилаи кишварҳо чӣ бар асоси тавофуқномаҳои дуҷониба ва ҳам дар чаҳорчӯби созмонҳои минтақавӣ ба нафъи ду кишвар ва дар маҷмӯъ, ба манфиати сулҳу субот ва амният буда, боиси рушди алоқаҳои фарҳангӣ миёни давлатҳо гардиданд.

Дар зербоби сеюми боби аввал ***«Истиқрори ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Исломии Покистон дар охири асри XX»*** диссертант барқароршавии ҳамкориҳои дипломатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо Ҷумҳурии Исломии Покистон дар охири асри XX таҳлил намудааст.

Дар диссертатсия омадааст, ки бо касби истиқлолияти сиёсӣ Тоҷикистон ҳамчун субъекти мустақили муносибатҳои байналхалқӣ аз тарафи Покистон эътироф шуда, миёни давлатҳо муносибатҳои дипломатӣ ва фарҳангӣ барқарор гардиданд. Вале дар давраи мазкур ҳамкориҳои фарҳангӣ, илмӣ ва башардӯстона миёни давлатҳо бо сабаби сар задани ҷанги

шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон ва низои дохилии Афғонистон густариши бештар пайдо накард. Новобаста аз ин, пояи шартномавӣ-ҳуқуқӣ дар байни кишварҳо шароити созгор фароҳам овард, ки аввалин қадамҳо дар самти инкишофи ҳамкориҳои фарҳангӣ гузошта шаванд ва дар сафарҳои мунтаззами сатҳҳои олӣ ва баланд, ташкили намояндагиҳои дипломатӣ ва рӯзҳои фарҳангӣ ифода ёфтанд.

Боби дуюми диссертатсия ***«Таҳаввули ҳамкориҳои Тоҷикистон бо Ҳиндустон ва Покистон дар соҳаи фарҳанг (солҳои 2000 – 2018)»*** аз ду параграф иборат мебошад.

Дар параграфи аввали боби дуюм ***«Рушди ҳамкориҳои илмӣ-фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Ҳиндустон»*** диссертант самтҳои калидии ҳамкориҳои фарҳангии Тоҷикистон бо Ҳиндустон ва заминаҳои шартномавӣ-ҳуқуқии алоқаҳои фарҳангии ҷонибҳоро инъикос намудааст.

Дар ин самт, ривоҷи ҳамкориҳои илмӣ-фарҳангии Тоҷикистон бо Ҳиндустон бо назардошти умумияти фарҳангӣ, гузаштаи таърихӣ ва нақши ин кишвар дар равандҳои ҷаҳонӣ аҳамияти хосса дошта, ҷиҳати муаррифии фарҳангу тамаддуни тоҷикон дар саҳнаи минтақавӣ ва байналхалқӣ нақши муассир мерасонад.

Баргузории рӯзҳои фарҳангии Тоҷикистон дар Ҳиндустон ва рӯзҳои фарҳангии Ҳиндустон дар Тоҷикистон ба анъанаи нек мубаддал гаштааст, инчунин, ҳамасола чорабиниҳои гуногуни фарҳангӣ ва намоишҳои филмҳои миллӣ баргузор мегарданд.

Дар параграфи дуюми боби мазкур ***«Таҳаввули ҳамкориҳои илмӣ-фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Исломии Покистон»*** марҳилаҳо ва самтҳои асосии робитаҳои фарҳангӣ миёни Тоҷикистон ва Покистон таҳқиқ гардидааст.

Диссертант менависад, ки пояи шартномавӣ-ҳуқуқии муносибатҳои дуҷонибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Исломии Покистонро зиёда аз 55 созишномаю ёддоштҳои тафоҳуми байниҳукуматӣ ва байнисоҳавӣ

ташкил медиҳанд, ки робитаҳои мутақобилаи давлатҳоро дар соҳаи фарҳанг низ дар бар мегиранд. Фарҳанг дар муносибатҳои Тоҷикистону Покистон на танҳо ҳамчун воситаи ҳамкорӣ, балки ҳифзи асолати таърихӣ ва муаррифии умумиятҳои тамаддунӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ ва шусташавии айнияти фарҳангӣ ба ҳисоб меравад.

Боби сеюми диссертатсия ***«Рушди ҳамкориҳои илмӣ-адабии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои Осиёи Ҷанубӣ дар оғози асри XXI ва дурнамои он»*** аз ду параграф иборат мебошад.

Дар зербоби якуми боби сеюм ***«Рушди ҳамкориҳои илмӣ-адабии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Ҳиндустон дар оғози асри XXI»*** диссертант ҳамкориҳои илмӣ-адабии Тоҷикистонро бо Ҳиндустон баррасӣ намуда, дастовардҳоро дар ин самт таҳлил намудааст.

Муаллифи диссертатсия иброз медорад, ки дар густариши ҳамкориҳои илмӣ-адабии давлатҳо сафари расмии роҳбарони давлатҳо ба кишварҳои ҳамдигар аҳамияти хосса ба бор оварда буд. Ҳамкорӣ байни Тоҷикистон ва Ҳиндустон дар соҳаи маориф дар доираи Барномаи табодул байни Ҳукумати Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҳиндустон оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи маориф аз 31 августи соли 2012 ва Ёддошти тафоҳум байни Ҳукумати Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҳиндустон оид ба татбиқи лоиҳаи «Озмоишгоҳи муосири техникии Ҳиндустон - Тоҷикистон» аз 25 январи соли 2010 ба роҳ монда шудааст.

Дар параграфи дуюми боби сеюм ***«Рушди ҳамкориҳои илмӣ-адабии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Исломии Покистон ва дурнамои он»*** масъалаҳои ташаккул ва рушди ҳамкориҳои илмӣ-адабии Тоҷикистон бо Покистон таҳқиқ гардидааст.

Ба назари диссертант самтҳои афзалиятноки рушди ҳамкориҳои судманди дуҷониба байни ду кишвар дар соҳаи маориф, дар мулоқоти вазирони маорифи Тоҷикистон ва Покистон, ки 26 июни соли 2006 дар ҷараёни баргузории вохӯрии вазирони маорифи кишварҳои исломӣ дар

шаҳри Исфаҳони Ҷумҳурии Исломии Эрон доир гардид, мавриди баррасӣ қарор гирифта буданд.

Самти дигари ҳамкориҳои кишварҳо дар соҳаи илм ин ҳамкориҳои институтҳои соҳавии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ва марказҳои илмии Покистон мебошад. Дар ин самт Институти омӯзиши масоили давлатҳои Осиё ва Аврупо ҳамкориҳои мутақобиларо бо ниҳодҳои илмӣ, фарҳангӣ, сиёсӣ ва иҷтимоии Покистон ба роҳ мондааст.

**Дар хулосаи диссертатсия** фикри ҷамъбастӣ ва пешниҳоди назариявию тавсияҳои амалии муаллиф оид ба мавзуъ оварда шудаанд.

Ҳамин тавр, сохтор ва мазмуни асосии диссертатсияи Суфиев Садриддин Насридинович мувофиқ ба талабот ва меъёрҳои муайяншудаи марбут ба диссертсияҳои номзадии КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷро шуда, ҷавобгӯи он мебошад. Мазмуни автореферат бо диссертатсия мувофиқ мебошад. Диссертант оид ба рисолаи худ 6 мақоларо дар маҷаллаҳои тақризшаванда КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА-и Вазорати маориф ва илми Федератсияи Россия аз чоп баровардааст.

Аз бурдбориҳои илмии муаллиф сухан ронда, баробари ин, дар диссертатсия баъзе камбудию норасоиҳои ҷузъиии ислоҳшаванда низ ба назар мерасанд, ки асостаринашон инҳо мебошанд:

1. Параграфи якуми боби аввал «Аз таърихи ҳамкориҳои Тоҷикистон бо Ҳиндустон ва Покистон» берун аз чорчӯбаи хронологии диссертатсия буда, баробари ин, масъалаи мазкур дар таърихнигории Тоҷикистон таҳлил ва таҳқиқи илмии худро аллакай ёфтааст, инчунин диссертант дар номгузории бобу параграф интиҳои асри XX-ро соли 1999 муайян намудааст, ки он дуруст нест, охири асри XX соли 2000-ум мебошад.
2. Хуб мешуд, ки боби сеюм на “Рушди ҳамкориҳои илмӣ-адабии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои Осиёи Ҷанубӣ дар оғози асри XXI ва дурнамои он”, балки мушаххасан “Ҳамкориҳои илмӣ-адабии

Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҳиндустон ва Покистон дар ибтидои асри XXI ва дурнамои он" номгузорӣ мешуд, зеро ба минтақаи Осиёи Ҷанубӣ ба ғайр аз Ҳиндустону Покистон аз нуқтаи назари таснифоти Созмони Милали Муттаҳид боз Афғонистон, Непал, Бутан, Бангладеш, Шриланка ва Малдив дохил мешаванд.

3. Назари муаллиф дар бораи он ки «Нахустин рӯзнома дар ҷаҳон дар шаҳри Калкута аз тарафи маорифпарвари ҳиндутабор Раҷа Ром бо номи "Мират-ал-ахбор" солҳои 1823 – 1824 аз чоп баромада, ... (дар саҳ. 123-и диссертатсия)» дуруст нест, зеро аввалин рӯзнома (газета)-ҳо дар дигар давлатҳо ба вуҷуд омаданд. Мумкин диссертант аввалин рӯзномаи бо забони форсӣ "Мират-ул-ахбор (Оинаи хабарҳо)" - ро дар назар дорад, ки он дар ҳақиқат аз ҷониби Раҷа Ром Мохан Рой 12 апрели соли 1822 аз нашр баромада, 4 апрели соли 1823 баста гардид.
4. Мазмуни матни саҳифаҳои 134 – 136 ба масъалаҳои ҳамкориҳои мутақобилаи илмии кулли кишварҳои аъзои Созмони Ҳамкории Шанхай бахшида шуда, хуб мешуд, ки муаллиф танҳо муносиботи Тоҷикистону Покистонро дар ин самт дар доираи СҲШ баррасӣ мекард.
5. Дар матни диссертатсия баъзе камбудиҳои техникию имлоӣ ҷой доранд.

Аммо эродҳои овардашуда ба ҳеҷ ваҷҳ қимати илмии диссертатсияро кам намегардонанд, муаллиф метавонад пеш аз ба нашр пешниҳод намудани монография онҳоро ба назар гирифта, ислоҳ намояд.

Хулоса, диссертатсия дар мавзӯи **«Ҳамкориҳои илмӣ-адабӣ ва фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Ҳиндустон ва Ҷумҳурии Исломии Покистон (охири асри XX – ибтидои асри XXI)»** ба бандҳои 10, 11, 12 ва 16 - и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми ноябри соли 2016 таҳти № 505 ба тавсиб расидааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он – Суфиев Садриддин

Насридинович – сазовори гирифтани дарачаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.15 – Таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати хоричӣ (илмҳои таърих) мебошад.

Тақризи муассисаи тақриздиҳанда аз тарафи доктори илмҳои таърих, дотсент А.Қ. Ҳусайнов омода гардида, дар семинари васеи илмӣ-назариявии кафедраи таърихи умумӣ баррасӣ гардидааст. Тақризи муассисаи тақриздиҳанда дар мачлиси ҳамин кафедра чонибдорӣ ва тасдиқ карда шудааст (Суратмачлиси кафедра № 8 аз 16 марти соли 2021).

**Раиси чаласа,**
**номзади илмҳои таърих,**
**дотсент** **С. П. Сайнаков**

**Котиби чаласа,**
**номзади илмҳои таърих** **Д. Н. Негматов**

**Тақризро омода кард:**
**доктори илмҳои таърих,**
**дотсент** **А. Қ. Ҳусайнов**

**Суроға:** 734003, Чумҳурии Точикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121,
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Точикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Имзоҳои н.и.т., дотсент С. П. Сайнаков, н.и.т. Д. Н. Негматов ва доктори илмҳои таърих, дотсент А. Қ. Ҳусайновро тасдиқ мекунам:

**Сардори шуъбаи кадрҳо**
**ва корҳои махсуси ДДОТ**
**ба номи Садриддин Айнӣ** **Д. Қ. Назаров**

**“16” __03______ соли 2021**